**РАИСИ**
**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

«27» 10 соли 2017 №489 ш.Душанбе

«Дар бораи тасдиқи «Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеии он»»

Тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 01.06.2017, №276 ва мутобиқи талаботи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №456 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеии он тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеии он коргузории ҷориро тибқи Тартиби мазкур ба роҳ монанд.
3. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба раёсатҳо ва шуъбаҳои мустақими Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.
4. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон фармоиши мазкурро дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир намояд.
5. Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз ҷиҳати беҳтар намудани ташкили кори ҳуҷҷатгузорӣ ва коргузорӣ тибқи Дастурамали мазкур омӯзиши кормандони воҳидҳои сохтории коргузории мақомотро ба роҳ монанд.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумитаи андоз Юсуфӣ П.С. вогузор карда шавад.

Раис Давлатзода Н.М.

Бо фармоиши Раиси
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «27» 10 соли 2017,
№489 тасдиқ шудааст

**Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеии он**

1. Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (миибаъд - Тартиб) қоидаҳои пешбурди коргузорӣ ва баҳисобгирии омориро аз рӯи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кумита) ва сохторҳои зертобеии он муайян мекунад.

2. Амали Тартиби мазкур ба пешбурди коргузорӣ аз рӯи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари пешбинӣ шудааст, татбиқ намегардад.

3. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба Кумита ва сохторҳои зертобеии он дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ пешниҳод карда мешаванд.

4. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1339 «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», мафҳумҳои асосии муроҷиатҳо ин ариза, дархост, таклиф, шикояти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ пешниҳод шудаанд, мебошанд.

5. Тибқи моддаи 17 ва 48 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми шаҳрвандон (шахси воқеӣ) шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои дигар, инчунин шахси бешаҳрвандӣ фаҳмида мешавад. Муқаррароти ҳамин Кодекс, агар дар қонун ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, нисбати ҳамаи шаҳрвандон татбиқ мегарданд.

Ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад.

6. Муроҷиатҳое, ки ба Кумита ва сохторҳои зертобеии он ворид мешаванд, дар дафтарҳои баҳисобгирии оморӣ (замимаҳои 1, 2, 3 ва 4) ба таври марказонидашуда ба қайд гирифта мешаванд.

7. Дафтарҳои баҳисобгирии оморӣ тибқи замимаҳои муқарраргардида аз ҷониби Кумита ба расмият даровардa шуда, ба сохторҳои зертобеи мақомот барои дуруст ба роҳ мондани коргузорӣ пешниҳод карда мешаванд.

8. Мурочиатҳо аз қабили ариза ва шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби воҳиди сохтории коргузории Кумита ва сохторҳои зертобеии он дар дафтари баҳисобгирии оморӣ ба қайд гирфташуда, барои назорати иҷрои он варақаи бақайдгирин назоратӣ кушода шуда, ба иҷрокунанда ирсол менамояд (замимаи №5).

9. Муроҷиатҳои шифоҳӣ дар рафти қабули шахсӣ ҳамчун муроҷиатхои хаттӣ ба қайд гирифта мешаванд.

10. Муроҷиатҳои электрони ва телефонӣ дар Кумита аз ҷониби Раёсати хизматрасонӣ ба андозсуорандагон дар дафтари бақайдгирии муроҷиатҳо, ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 04.11.2017, №396 тасдиқ гардидааст, ба қайд гирифта шуда, ба роҳбарияти Кумита барои дастури минбаъда пешниҳод гардида, натиҷаи баррасии онро тибқи тартиб ва дар мӯҳлатҳои муқарраргардида таҳти назорат қарор медиҳад.

11. Муроҷиатҳои электронӣ ва телефонии ба сохторҳои зертобеии Кумита воридгардида аз ҷониби воҳиди сохтории коргузорӣ дар дафтари бақайдгирии оморӣ (замимаи 3 ва 4) ба қайд гирифта шуда, ба роҳбари маъсул барои дастури минбаъда пешниҳода гардида, натиҷаи баррасии онро тибқи тартиб ва дар мӯҳлатҳои муқарраргардида таҳти назорат қарор медиҳад.

12. Ҳангоми ворид шудани микдори начандон зиёди мурочиат (соле то 100 дона) варақаи бақайдгирии назоратӣ тартиб дода нашуда, онҳо танҳо дар дафтарҳо ба қайд гирифта мешаванд. Лифофаҳои онҳо дар мавридҳое нигоҳ дошта мешаванд, ки агар танҳо аз рӯи онҳо суроғаи ирсолкунандаро муқаррар кардан мумкин бошад, ё агар санаи муҳри почта барои тасдиқ намудани вақти фиристодан ва гирифтани муроҷиатнома, инчунин дар дигар мавридҳо зарур шаванд. Дар сурати шахсан қабул кардани шахси воқеӣ ва намояндаи шахси ҳуқуқӣ, муроҷиатҳои хаттию шифоҳии онҳо низ бояд дар дафтарҳо қайд карда шаванд. Шохиси бақайдгирии муроҷиат дар муҳри бақайдгарӣ нишон дода мешавад, ки ҷои гузориш ва шакли онро стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Шохиси бақайдгирӣ аз ҳарфи аввали насаби муаллиф ва рақами тартибии муроҷиати воридшуда (масалан, А-117) иборат мебошад. Шохиси бақайдгирӣ бо дигар аломатҳое, ки мураттабсозӣ, ҷустуҷӯ, таҳлил ва беосеб нигоҳ дошта шудани муроҷиатҳои шаҳрвандонро таъмин менамоянд, пурра шуда метавонад.

13. Ба муроҷиатҳои такрории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми ворид шудани онҳо шохиси навбатии бақайдгирӣ дода мешавад ва дар сутуни дахлдори варақаҳои бақайдгирии назоратӣ шохиси бақайдгирии муроҷиати якум нишон дода мешавад. Дар кунҷи рости болои муроҷиати

такрорӣ ва варақаҳои бақайдгирии назоратӣ аломати "такроран" гузошта шуда, аз рӯи он тамоми мукотибаи пештара бардошта мешавад. Мурочиатҳои ҳамон як шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯи ҳамон як масъала, ки ба суроғаҳои гуногун фиристода шудаанд ва барои дида баромадан ба ҳамон як мақомоти дахлдор ворид шудаанд, дар зери шохиси бақайдгирии мурочиати якум бо илова кардани рақами тартибӣ бо касра (масалан, А-117/1, А117/2) ба ҳисоб гирифта мешавад.

14. Миқдори нусхаҳои варақаҳои бақайдгирии назоратӣ оморӣ дар асоси зарурати таъмин намудани баҳисобгирӣ, кори маълумотгирӣ, назорати иҷрои супориш аз рӯи мурочиат ва таҳлили онҳо муайян карда мешаванд. Картотекаҳо мувофиқи насаб ё номи шахси ҳуқуқӣ ки аз онҳо мурочиат ворид шудаанд, бо пайдарҳамии ҳуруфи алифбо метавонанд тартиб дода шаванд.

15. Мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба Кумита ва сохторҳои зертобеии он аз ҷойҳои гуногун фиристода шуда, маълум кардани натиҷаҳои дида баромадани мурочиатро талаб мекунанд, таҳти назорати махсус гирифта мешаванд. Дар ин маврид дар ҳамаи нусхаҳои варақаҳои бақайдгирии назоратӣ ва мурочиатҳо дар ҷои муқарраркардаи стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухри "Назорат" ё аломати "Н" гузошта мешавад. Мурочиатҳое, ки ба онҳо ҷавоби пешакӣ дода мешавад, аз назорат гирифта намешаванд. Назорат танҳо баъди баррасии он ва андешидани ҳамаи чораҳо аз рӯи ҳалли мурочиат ба анҷом мерасад. Дар бораи аз назорат бардоштани мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз тарафи роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори мақомот, ки барои сари вақт ва дуруст дида баромадани мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ масъуланд, қарор кабул карда мешавад.

16. Ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори ваколатдори Кумита ва сохторҳои зертобеии он ҷавоб медиҳанд. Ҷавоб метавонад дар шакли хаттӣ, электронӣ, тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) ва ё дар шакли шифоҳӣ дода шавад. Дар сурати додани ҷавоби шифоҳӣ ва электронӣ ба варақаҳои бақайдгирии назорати қайди дахлдор гузошта мешавад. Шохиси ҷавоб аз шохиси бақайдгирӣ ва рақами парванда (аз рӯи феҳрист) иборат буда, ба он мукотиба аз рӯи ҳамин масъала дӯхта мешавад. Мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамон вақт ҳалшуда ҳисоб меёбанд, ки агар ҳамаи масъалаҳои дар онҳо ба миён гузошташуда баррасӣ шуда, аз рӯи онҳо чораҳои зарурӣ дида шудаанд ва мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба онҳо ҷавобҳои пурра дода шуда бошанд. Мазмуни мухтасари ҷавоб аз рӯи мурочиат, инчунин сана ва рақами он дар дафтар ва варақаҳои бақайдгирии назоратӣ навишта мешаванд. Мурочиатҳои баррасишуда якҷоя бо мукотибаи ба онҳо тааллуқдошта аз рӯи тартиби муқарраршуда дар бойгонии мақомоту ташкилотҳои дахлдор нигоҳ дошта мешаванд.

17. Роҳбарон ва ё бо супориши онҳо шахсони дигари мансабдори Кумита ва сохторҳои зертобеии он мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва мулоҳизаҳои амалии дар онҳо баёнёфтаро ба мақсади сари вақт ошкор

ва бартараф намудани вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун муҳофизатшавандаи шаҳрвандон, инчунин такмил додани кори мақомот, мунтазам таҳлил ва ҷамъбаст менамоянд. Маводро барои таҳлил ва ҷамъбаст шахсони мансабдори пешбарандаи коргузорӣ аз рӯи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тайёр мекунанд ва онҳоро дар шакли маълумотномаҳои таҳлилӣ ба расмият дароварда, ба роҳбарони мақомоту ташкилотҳои дахлдор ҳар сол то 10 январ пешниҳод менамоянд. Шаклҳои ҳисоботи оморӣ ва дастурамал оид ба тартиби ҷамъоварӣ дар барномаи корҳои оморӣ, ки ҳар сол бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, пешбинӣ карда мешаванд. Маълумотномаҳои таҳлилӣ аз ҷониби Кумита оид ба омор таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон псшниҳод карда мешаванд.

18. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бояд баъди ҳалли онҳо ба шахсони масъуле, ки аз рӯи онҳо коргузориро пеш мебаранд, бо ҳамаи маводи ба онҳо тааллуқдошта ва нусхаи варақаи бақайдгирии назоратӣ барои тартиб додани парванда баргардонида шаванд. Тартиб додан ва дар пешбурди иҷрокунанда нигоҳ доштани парвандаҳо манъ аст. Ҳар як муроҷиат баъди ҳалли ниҳоӣ ва иҷрои он бояд навиштаҷоти "ба парванда" дошта, он аз тарафи шахси мансабдори ин қарорро қабулкарда шахсан имзо карда шавад. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, нусхаҳои ҷавобҳои вобаста ба халли онҳо, инчунин ҳуҷҷатҳо оид ба қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (намояндагони онҳо) мувофиқи феҳристи тасдиқшудаи парвандаҳои Кумита дар парванда ба тартиб андохта мешаванд. Ҳуҷҷатҳо дар ин парвандаҳо аз рӯи тартиби хронологӣ ё алифбоӣ ҷойгир карда мешаванд. Ҳар як муроҷиат ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳалли он дар парванда гурӯҳи мустақилро ташкил менамоянд. Дар мавриди гирифтани муроҷиати такрорӣ ё пайдо шудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ, онҳо ба ҳамин гурӯҳи ҳуҷҷатҳо дӯхта мешаванд. Ҳангоми ба тартиб андохтани парвандаҳо дурустии дар парванда ҷой додани ҳуҷҷатҳо, пуррагии (комилӣ) онҳо тафтиш карда мешавад. Муроҷиатҳои ҳалнашудаи шаҳрвандон, инчунин ҳуҷҷатҳои нодуруст ба тартиб андохташударо ба парванда дӯхтан манъ аст. Муқоваи парванда бояд мувофиқи стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шавад. Баъди ҳаллу фасл шудани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маводҳо дӯхта шуда аз рӯи хронологӣ ҷо ба ҷо гузори карда мешавад.

19. Кумита ва сохторҳои зертобеии он муроҷиатҳоро нигоҳ дошта, онҳоро ҳамчун маълумотнома ё бо дигар мақсадҳо истифода мебаранд. Масъулият барои нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба зиммаи роҳбарони Кумита ва сохторҳои зертобеии он ва шахсони масъул вогузор карда мешавад. Дар феҳраст муҳлати нигоҳ доштани парванд 5 солро муқаррар кардааст. Пас аз гузаштани муҳлати панҷсолаи нигоҳ доштани муроҷиатҳо ҳуҷҷатҳо аз нав баррасӣ шуда, ба комиссияи экспертии Саридора санад тартиб дода барои несткуни пешниҳод карда мешавад.

20. Парвандаҳое, ки доимӣ, инчунин дарозмуддат (зиёда аз 10 сол) нигоҳ дошта мешаванд, ба бойгонии Кумита ва сохторҳои зертобеии он баъди як соли анҷом ёфтани коргузории онҳо супорида мешаванд. Парвандаҳое, ки муваққатан (то 10 сол) нигоҳ дошта мешаванд, бо салоҳдиди роҳбари Кумита ва сохторҳои зертобеии он ба бойгонӣ супорида мешаванд.

21. Назорати сари вақт баррасӣ ва ҳал намудани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Кумита ва сохторҳои зертобеии он ба зиммаи роҳбари онҳо ва воҳиди сохторӣ коргузорӣ гузошта мешавад, ки онҳо вазифадоранд сари вақт, дуруст ва пурра дида баромадани муроҷиатҳоро таъмин намоянд.

**Замимаи №1**
ба Тартиби коргузорӣ ва
баҳисобгирии оморӣ оид
ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ
ва ҳуқуқӣ

## ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ ХАТТИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

| Рақами тартибӣ | Сана ва рақами воридшавӣ | Номи пурра | Суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ | Сана ва рақами содиротӣ | Муҳтавои муроҷиат | Ба куҷо ва ба кӣ барои барассӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

**Замимаи №2**
ба Тартиби коргузорӣ ва
баҳисобгирии оморӣ оид
ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ
ва ҳуқуқӣ

## ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ ХАТТИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

| Рақами тартибӣ | Санаи воридшавӣ | Насаб, ном ва номи падар | Суроғаи маҳалли истиқомат | Мухтавои муроҷиат | Ба куҷо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ ва санаи иҷро | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

**Замимаи №3**
ба Тартиби коргузорӣ ва
баҳисобгирии оморӣ оид
ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ
ва ҳуқуқӣ

**ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ**

| Рақами тартибӣ | Сана ва рақами воридшавӣ | Насаб, ном ва номи падари шахси воқеӣ ва номи пурраи шахси ҳуқуқӣ | Суроғаи почтаи электронии муроҷиаткунанда | Мухтавои муроҷиат | Ба кучо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ | Сана ва рақами содирот тавассути кадом почтаи электронӣ | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

**Замимаи №4**
ба Тартиби коргузорӣ ва
баҳисобгирии оморӣ оид
ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ
ва ҳуқуқӣ

## ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ АЛОҚАИ ТЕЛЕФОНӢ (МОБИЛӢ)

| Рақами тартибӣ | Рақами телефони муроҷиатку-нанда | Насаб, ном ва номи падари шахси воқеӣ ва номи пурраи шахси ҳуқуқии муроҷиаткунанда | Суроғаи маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ва маҳалли ҷойгир-шавии шахси ҳуқуқӣ | Муҳтавои муроҷиат | Суроғаи почтаи электронӣ | Ба куҷо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ | Сана ва рақами содирот, рақами телефон | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

**Замимаи №5**
ба Тартиби коргузорӣ ва
баҳисобгирии оморӣ оид
ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ
ва ҳуқуқӣ

**Шакли варақаи бақайдгирии назоратӣ**
**(дастур барои пуркунӣ замима мегардад)**

0229140 варақаи бақайдгирии назоратӣ
Муроҷиаткунанда________________________________________________
________________________________(**насаб, ном ва номи падар, суроға, телефон**)
________________________________________________
Муроҷиати пештара №__________________ аз №__________________
Намуди муроҷиат, шумораи варақҳо__________________________________
Муаллиф, сана, шохиси мактуби ҳамроҳ фиристодашаванда
________________________________________________
________________________________________________
Сана, шохиси воридшавӣ
________________________________________________
________________________________________________
Мазмуни мухтасар________________________________________________
Иҷрокунандаи масъул ________________________________________________

Амри хаттӣ ____________________________

Муаллифи амри хаттӣ ______________________

Мухлати иҷро __________________________

Ҷараёни иҷро __________________________

Санаи ба иҷро додан ______________ Иҷрокунанда ______________________
Қайд дар бораи ҷавоби пешакӣ ё пурсиши иловагӣ __________ Қайдҳои тафтишӣ __________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
Сана, шохиси иҷро (ҷавоб)________________________________________________
________________________________________________
Гиранда________________________________________________
Мазмун________________________________________________
________________________________________________

Аз назорат гирифта шуд ______________ Имзои назораткунанда ______________

Парвандаи ________ Ҷилди ________ Вароқи ________ Хазинаи ______________

Рӯйхати ______________________

Парвандаи ______________________
________________________________________________

# ДАСТУР БАРОИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ НАЗОРАТӢ (ВБН)

1. Тарафи пеши варақаи бақайдгирии назоратӣ:

а) Муроҷиаткунанда – насаб, ном, номи падар, ҷойи истиқомат ё кор, телсфопи тамос бо муроҷиаткунанда;

б) Муроҷиатҳои пештара - сана ва шохисҳои бақайдгирии муроҷиатҳои пештараи муроҷиаткунанда;

в) Намуди ҳуҷҷат - муроҷиате, ки ба воситаи почта дохил гардидааст ё ҳангоми қабули шахсӣ дода шудааст ва миқдори варақаҳои он;

г) Муаллпф, сана, шохиси мактуби ҳамроҳ, фиристодашаванда - номи ташкилоте, ки муроҷиатро фиристодааст;

д) Сана, шохисп воридшавӣ - санаи воридшавпи муроҷиат (ба воситаи почта ё ҳангоми қабули шахсӣ ва шохисҳои бақайдгирии онҳо);

с) Мазмуни мухтасари муроҷиат;

ё) Иҷрокунандаи масъул - номи ташкилот ё воҳиди сохторне, ки барои ҳалли муроҷиат масъул мебошад;

ж) Амри хаттӣ - аз ҳуҷҷат кӯчонда мешавад ё ҳангоми қабули шахсӣ навишта мешавад;

з) Муаллпфи амри хаттӣ - вазифа, ному насаб ва номи падари роҳбар, муаллифи амри хаттии аввала;

п) Муҳлати иҷро - мувофиқи амри хаттӣ ё муҳлатҳои иҷрои бо қонунгузорӣ муқарраршуда нишон дода мешавад. Қайд дар бораи тағйир додани муҳлат дар хаттӣ оядаи сатр бо нишон додани муҳлати нав, вазифа ва насаби роҳбарс, ки дар бораи тағйир додани он қарор қабул кардааст, гузошта мешавад;

й) Дар кунҷи рости боло ҳангоми бақайдгирии муроҷиатҳои такрорӣ муҳри "такрорӣ" гузошта мешавад.

2. Пуштп варақап бақайдгирии назоратӣ:

а) Ҷараёни иҷро;

б) Сутуни "Санан додан барои иҷро" - санаи супоридани ҳуҷҷат ба иҷрокунандаи бевосита нишон дода мешавад;

в) Сутуни "Иҷрокунанда" - ному иасаб ва номи падар, телефони иҷрокунандаи бевосита (сутунҳо ҳар дафъа ҳангоми ҳаракати ҳуҷҷат пур карда мсшаванд):

г) Сутуни "Қайд дар бораи ҷавоби пешакӣ ё пурсиши иловагӣ" гиранда, сана, шохис, мазмуни мухтасарн ҷавоби пешакӣ ё пурсиш;

л) Сутуни "Қайдҳои назоратӣ" – қайдҳо дар бораи хотиррасонкунӣ, вазъияти иҷро ва ғайра;

е) Сана, шохиси иҷро - сана ва шохиси бақайдгирии ҳуҷҷате, ки аз рӯи онҳо қарори охирин қабул карда шудааст;

ё) Гиранда - ҳамаи гирандаҳое, ки ба онҳо ҳуҷҷатҳо бо қарорҳои охирин фнристода шудаанд, нишон дода мешаванд;

ж) Мазмун - сарлавҳаи ҳуҷҷати асосӣ бо нишон додани қарори қабулкардашуда (қонеъ гардонида шуд, рад карда шуд, фаҳмонда дода шуд):

з) Аз назорат гирифт - вазифа, ному насаб ва номи падари роҳбар ё шахсп дигари мансабдоре, ки дар бораи аз назорат гирифтани ҳуҷҷат қарор қабул кардааст;

и) Имзои назораткунанда - имзои шахси масъул барои назорат аз рӯи муроҷиатҳо;

й) Парвандаи __________, ҷилди___________, вараќи______________, шохиси парванда аз рӯи феҳрист, рақами ҷилд ва варақаҳо (баъди ҳалли масъала ва ба парванда дӯхтан гузошта мешавад);

к) Хазинаи рӯйхати парвандаи баъди ба бойгонӣ супоридани парванда гузошта мешавад.

3. Тавсия дода мешавад, ки андозаи варақаҳо А5 (148Х210) ва А6 (105Х148) бошад.

4. Дар мавриди истифода бурдани техникаи электронию ҳисоббарорӣ ҳангоми ташкили коргузорӣ аз рӯи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ варақаҳои бақайдгирии назоратиеро истифода бурдан мумкин аст, ки онҳо барои истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарорӣ муносиб мебошанд.